# Суратгузориш аз натиҷаи иштироки кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намоиши Тоҷикистон – кишвари дарёҳои тиллоӣ»-и Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон»

Опубликовано 15 марта, 2022 - 16:29 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Осорхонаи миллии Тоҷикистон бояд ифтихори ҳар як фарзанди бонангу номуси тоҷик бошад.
**Эмомалӣ Раҳмон**

Кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 12-уми март ҷиҳати боздид аз намоиши «Тоҷикистон – кишвари дарёҳои тиллоӣ»-и Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, зимни боздид аз экспонатҳое, ки дар Осорхонаи ҳунарҳои миллии Осиё «Гимей»-и Фаронса муаррифӣ шуда буданд, дидан намуда, зимнан аз шуъбаҳои табиат, таърихи бостон ва асрҳои миёна, таърихи нав ва навтарин ва шуъбаи санъати тасвирӣ ва амалии осорхонаро тамошо карданд.

Кормандони Кумита якҷоя бо аҳли байташон аз бахшҳои таърихи бостон ва асарҳои миёна, таърихи нав ва навтарин маълумоти зиёде ба даст оварданд, ки аз давраи тиллоии таърихи халқи тоҷик, яъне аз сулолаи Сомониён оғоз гардида, бо тамошои бозёфтҳо ва амсилаҳои ёдгориҳои таърихӣ аз қабили «Қасри Ҳулбук», «Меҳроби Искандар», «Мақбараи Сомониён», «Мисгарии асрҳои XIX-XX», «Лавозимоти ҷангӣ», «Кошғарӣ», «Хушнависӣ», «Сиккаҳо», ки ҳангоми намоиши созҳои мусиқии миллии мардуми тоҷик ба монанди дутор, гултор, торрӯд, танбӯр, рубоби бадахшонӣ, рубоби қошғарӣ, карнай, сурнай ва лабчанг ба маърази тамошо гузошта шуда буд, ки инъикосгари санъати мусиқии миллии халқи тамаддунофари тоҷик мебошанд, дидан намуданд.

Бояд қайд намуд, ки Осорхонаи миллии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин марказҳои илмӣ-фарҳангӣ ва сайёҳӣ дар кишвар ба шумор меравад, ки самтҳои асосии фаъолияти он ҷамъоварӣ, ҳифз, омӯзиш, таблиғу ташвиқи мероси фарҳангӣ, ҷалби бештари меҳмонону саёҳон ва муаррифии шоистаи таъриху фарҳанги кӯҳанбунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад, ки бо ҳидоят ва роҳнамоиҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд шуда, ҳамарӯза дар хидмати мардум мебошад.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]

-

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6824?mini=2025-07

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/1.png [2] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/28 [3] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [4] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/1.png [5] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/2.png [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/3.png